**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-004**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, ш.Душанбе, маҳаллаи Буни**
**Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён)**

**Тақризи**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Муҳаммадзода Ҷомӣ Абдураҳмон дар мавзуи “Рушди механизми ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об (дар заминаи маводҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2 – Иқтисодиёт (5.2.21 –Иқтисодиёти ҷаҳонӣ) пешниҳод шудааст.**

1. **Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Муҳаммадзода Ҷомӣ Абдураҳмон дар мавзуи “Рушди механизми ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об (дар заминаи маводҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2 – Иқтисодиёт (5.2.21 –Иқтисодиёти ҷаҳонӣ) пешниҳод шудааст, ба бандҳои Шиносномаи номгӯи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2 – Иқтисодиёт (5.2.21 –Иқтисодиёти ҷаҳонӣ), ки муаллиф дар диссертатсия ишора ба онҳо менамояд, мутобиқ мебошад. Аз ҷумла, банди 1. Хоҷагии умумиҷаҳонӣ, сохтори он, қонуниятҳо ва тамоюлҳои муосири рушди он; 2. Назарияҳои рушди хоҷагии ҷаҳонӣ ва муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ. Таҳлил ва арзёбии консепсияҳои муосир; 4. Байналмилалишавии ҳаёти хоҷагидорӣ. Ҷаҳонишавии фаъолияти иқтисодӣ, омилҳо, марҳилаҳо, самтҳо ва шаклҳои он. Баҳамтаъсиррасонии ҳамгироии минтақавӣ ва ҷаҳонишавии иқтисодӣ; 5. Равандҳои ҳамгироӣ дар минтақаҳои рушдёфта ва рушдёбандаи ҷаҳон, қонуниятҳои инкишофи ин равандҳо, арзёбии дурнамои ҳамгироиҳои блокҳо ва иттиҳодияҳои гуногуни тиҷоративу иқтисодӣ; 7. Баҳамвобастагии байналмилалии иқтисодӣ. Таъмини инкишофи устувори иқтисодиёти миллӣ ва ҷаҳонӣ. Стратегияҳои миллии инкишофи иқтисодӣ. 21. Инкишофи пойгоҳи захиравии хоҷагии ҷаҳонӣ.

Ҷанбаҳои иқтисодии проблемаҳои ҷаҳонӣ-экологӣ, хӯрокворӣ, энергетикӣ. Оқибатҳои равандҳои ҷаҳонӣ барои хоҷагии ҷаҳонӣ, роҳҳо ва механизмҳои ҳалли онҳо. 25. Иқтисоди миллии кишварҳои алоҳида дар низоми робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ: проблемаҳои муносибгардонии ҳамкорӣ ва таъмини манфиатҳои миллии иқтисодӣ. Мухолифатҳои байналмилалии иқтисодӣ, сабабҳо ва методҳои ҳалли онҳо. 28. Роҳҳо ва шаклҳои ҳамгироии Тоҷикистон ба низоми робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ. Вижагиҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар сатҳи корхонаҳо, соҳаҳо ва минтақаҳо.

**2. Мубрам будани мавзуи диссертатсия.**

Дар шароити дигаргуншавии вазъи иқтисодиёти ҷаҳон ва пурзӯр гардидани равандҳои ҷаҳонишавӣ, масъалаҳои вобаста ба идоракунии захираҳои обии байнидавлатӣ барои ҳамаи кишварҳо, махсусан кишварҳои Осиёи Марказӣ аҳамияти аввалиндараҷа ва стратегӣ дорад. Масъалаҳои иқтисодии вобаста ба об дар минтақа на танҳо омили иқтисодӣ, балки заминаи асосии амнияти минтақавӣ ва рушди устувор мебошад. Гузариш аз усулҳои маъмурии тақсимоти об ба механизмҳои иқтисодӣ ва ниҳодшиносӣ, ки дар таҳқиқоти илмӣ баррасӣ шудаанд, хеле саривақтӣ мебошад. Таҳқиқи нақши ташаббусҳои глобалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт ба диссертатсия арзиши махсуси илмӣ мебахшад. Дар баробари ин, гузариш ба муносибатҳои нави иқтисодӣ ва аз ин ҳисоб беҳтар намудани вазъи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз равандҳои ҳамгироии минтақавӣ бо давлатҳои ҳамсоя вобастагӣ дошта, дар мадди аввал истифодаи самараноки захираҳои муҳимми стратегӣ (дар таҳқиқоти илмии муаллиф – захираҳои об) афзалиятдошта ба ҳисоб меравад.

Дар банди мазкур муаллифи диссертатсия диққати асосиро ба ташаккули механизми самаранок истифода намудани захираҳои об равона сохта, низоми имрӯзаи муносибатҳои иҷтимоию иқтисодиро маҳз аз ҳисоби истифодаи ҳамгирои захираҳои об вобаста медонад ва ин нуқтаи назар комилан дуруст арзёбӣ карда мешавад. Дар ин хусус худи муаллифи таҳқиқоти илмӣ қайд менамояд, ки масъалаҳои истифодаи оқилонаи захираҳои об ва зарурати

фаъолкунонии ҳамкориҳои минтақавии самти мазкур аз воқеияти истифодаи заминҳои минтақавӣ дар шароити минтақаҳои хушк ба вуҷуд меояд. Ин вазъият ба он алоқамандӣ дорад, ки аз як тараф, таъсири тағйирёбии иқлим афзоиш меёбад ва аз тарафи дигар, масъалаҳои марбут ба ҳолати тозагӣ ва сифати об, ки қаблан нисбати он беаҳаммиятӣ зоҳир карда мешуд, диққати бештари истифодабарандагонро ба худ ҷалб мекунанд.

Илова ба гуфтаҳои боло, банди мазкур яке аз бартариятҳои асосии таҳқиқоти илмии муаллиф дониста мешавад, чунки сатҳи нокифояи таҳқики ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии равандҳо ва ҷараёнҳои идоракунии захираҳои об дар ҳудуди давлатҳои минтақаи мушаххас, яъне Осиёи Марказӣ интихоб гардидааст ва диққати асосӣ ба он нигаронида шудааст.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Навгонии илмии таҳқиқот, ки аз ҷониби муаллиф вобаста ба ихтисоси 5.2 – Иқтисодиёт (5.2.21 –Иқтисодиёти ҷаҳонӣ) пешниҳод гардидааст, пурра ба самти таҳқиқоти илмӣ мутобиқ мебошад. Муаллиф навгонии илмии таҳқиқотро дар мукаммалгардонӣ ва такмили механизми ҳамкории минтақавии бахши об дар ҳудуди давлатҳои Осиёи Марказӣ асоснок месозад. Бояд дар назар дошт, ки муаллиф дар инҷо маҳз ба ҷанбаҳои назариявии механизмҳои иқтисодии обистифодабарӣ ва обистеъмолкунӣ, ки барои давлатҳои минтақа муҳим дониста мешаванд, таваҷҷуҳ зоҳир менамояд.

Муаллифи таҳқиқоти илмӣ **4 (чор)** зербанди навгонии илмиро таҳқиқ менамояд:

- муаллиф дар заминаи муқаррароти якуми ҳимоя, асосҳои назариявии ҳамкории минтақавиро тақвият бахшида, мафҳуми «истифодаи оқилонаи захираҳои обии минтақавӣ»-ро аз нигоҳи иқтисодиёти ҷаҳонӣ мукаммал намуда,захираҳои обро на танҳо ҳамчун неъмати табиӣ, балки ҳамчун як категорияи мураккаби иқтисодӣ ва воситаи ҳамгирой барои давлатҳо таҳқиқ намудааст;

- дар посух ба зарурати арзёбии вазъи мавҷуда, муаллифи таҳқиқот таснифи омилҳои таъсиррасон ва принсипҳои амалкарди фаъолияти иқтисодии субъектони истифодабарандаи захираҳои обро барои давлатҳои Осиёи Марказӣ пешниҳод кардааст. Навгонии илмии банди мазкур дар он аст, ки муаллиф тавонист вазни қиёсии омилҳои ғайрииқтисодӣ ва иқтисодиро дар шароити тағйирёбии иқлим муайян намуда, заминаи услубии ҳалли масъалаҳои обиро нишон диҳад;
- Унсури сеюми навгонии илмии таҳқиқот, ки аз ҷониби муаллиф пешниҳод шудааст, дорои аҳамияти бузурги илмӣ буда, муаллиф на танҳо дурнамои ҳамкориҳои минтақавиро пешгӯӣ кардааст, инчунин зарурати гузариш ба низоми ягонаи обу энергетикиро дар Осиёи Марказӣ аз нигоҳи илмӣ асоснок намудааст. Қобили дастгирист, ки муаллиф дар асоси истифодаи принсипи экосистемавӣ консепсияи рушди устувори иқтисодиро таҷдиди назар намуда, барои давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ тавсияҳои амалии ҳамкориҳои иқтисодиро пешниҳод менамояд. Дар инҷо нуқтаи муҳимро механизми пайвастагии истифодаи об бо дарназардошти манфиатҳои муштараки кишварҳои болооб ва поёноб ташкил медиҳад. Ин равиш имкон медиҳад, ки омилҳои табиӣ (захираҳои об) ба омилҳои иқтисодӣ (истеҳсоли энергия ва маҳсулоти кишоварзӣ) мубаддал гардонида шаванд;
- Зербанди чоруми навгонии илмии муаллиф, ки дар диссертатсия инъикос ёфтааст, хусусияти мукаммали амалӣ ва методологӣ дорад. Арзиши илмии ин зербанд дар он ифода меёбад, ки муаллиф асосҳои консептуалии баланд бардоштани ҳамкориҳои иқтисодиро дар самти идоракунии маҷмӯии захираҳои об коркард намуда, онро бо модели иқтисодии ҳамкориҳои минтақавӣ табдил медиҳад. Дар инҷо муаллиф механизми идоракунӣ ва танзими истифодаи захираҳои обро пешниҳод кардааст, ки он имкон медиҳад фаъолияти иқтисодии кишварҳои минтақа на ба таври алоҳида, балки дар доираи як низоми ягонаи иқтисодӣ амалӣ карда шавад ва он барои ҳавасмандкунии иктисодии кишварҳои истифодабарандаи об ва барои баланд

бардоштани самаранокии истифодаи ҳамгирои захираҳои об оварда мерасонад.

**Нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаи** муаллифи диссертатсия қисмати асосӣ ва хотимавии таҳқиқоти илмиро дар бар гирифта, онҳо мавқеи муаллифро ҳангоми арзёбии мавзуи таҳқиқшаванда нишон медиҳанд. Вобаста ба ин қайд кардан зарур аст, ки арзёбии дар нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаи муаллиф имконияти минбаъдаи онро дар самти ошкорсозии қонуниятҳо ва хусусиятҳои механизмҳои иқтисодии обистифодабарӣ натанҳо барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин барои ҳамаи давлатҳои ҳамсоя инъикос менамояд. Ҳамчунин нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда моҳияти назариявӣ, методологӣ ва амалии таҳқиқотро дар самти таҳқиқи масъала инъикос намуда, пурра раванди мавзуи илмиро фаро мегиранд.

Навгонии илмӣ ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод намудаи муаллифи диссертатсия комилан дуруст таҳия, коркард ва пешниҳод карда шудаанд.

**Сохтори диссертатсия.** Диссертатсияи муаллиф аз муқаддима, 3 боб, натиҷаҳои мухтасари бобҳои диссертатсия, хулосаҳои умумӣ ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Диссертатсия дар 186 саҳифаи матни компютерӣ пешниҳод шуда, дорои 15 ҷадвал, 2 диаграмма ва 20 расм мебошад. Рӯйхати адабиёт ба гуруҳҳо ҷудо гардида аз 153 номгӯй иборат аст.

**Дар муқаддимаи таҳқиқот** тавсифи умумии таҳқиқот зикр ёфтаанд, ки ба мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқот, дараҷаи азхудшудаи мавзуъ, заминаҳои назариявию методологӣ, ҳадаф, объект, предмет, масъалаҳо, марҳилаҳо, пойгоҳҳои иттилоотӣ ва озмоишӣ, эътимоднокии натиҷаҳо, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, нуктаҳои ҳимояшаванда, саҳми шахсии довталаб дар таълифи диссертатсия, таъйиди диссертатсия, интишорот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия бахшида шудаанд.

**ДАР БОБИ ЯКУМ** - таҳқиқи асосҳои илмию назариявии масъалаҳои ташаккул ва рушди механизмҳои ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи обро бо

қонуниятҳои инкишофи он, хусусиятҳои назариявии истифодаи самараноки захираҳои об дар низоми иқтисодии давлатҳои ҳамсоякишвар ва инчунин раванди такмили ҳадафҳои стратегии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва дурнамои ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Илова бар ин, муаллифи таҳқиқоти илмӣ таҷрибаи ҷаҳонии идоракунии ҳавзаҳои дарёҳои байнидавлатиро таҳлил намуда, ҷанбаҳои иқтисодию ҳуқуқии дипломатияи обро дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ муайян кардааст. Ин боб заминаи зарурии назариявиро барои фаҳмиши об ҳамчун як омили стратегӣ дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ фароҳам меорад.

Бартарии боби якуми муаллиф дар таҳлили амиқи консептуалии мавзуи илмӣ (саҳ. 17-30), таҳқиқи таҷрибаи хориҷӣ (саҳ. 39-55) ва стратегияи об (саҳ. 56-59) бараъло мушоҳида мегардад. Масалан, дар саҳифаи 19 муаллиф ба масъалаи об ҳамчун захираи маҳдуд ва зарурати баҳисобгирии иқтисодии он ишора мекунад. Таҳлили ҳавзаҳои дарёҳои байналмилалӣ вобаста аз таҷрибаи дигар давлатҳо мушоҳида карда мешавад. Масалан, дар саҳифаи 43 ҷадвали 1.3 (санадҳои асосии қонунгузорие, ки принсипҳои ҳамкории минтақавиро муайян мекунад) оварда шудааст, ки дар он таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар идоракунии об оварда шудааст.

**ДАР БОБИ ДУЮМИ ДИССЕРТАТСИЯ** - таҳқиқи ҷанбаҳои амалии арзёбии вазъи вазъи кунунии истифодаи об ва ҳамкории минтақавии соҳаи об дар давлатҳои Осиёи Марказӣ боназардошти ҳолати истифодаи заминҳои кишоварзии минтақа, масъалаҳои баланд бардоштани самаранокии ҳамкории минтақавии соҳаи об дар минтақаҳои Осиёи Марказӣ ва фаъолсозии механизми корпоративии баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои об дар доираи ҳамкории минтақавии соҳаи об амалӣ гардидааст.

Дар матни асосии боби мазкур такя ба маълумотҳои омории мавҷуда, таҳлил ва арзёбии стратегияҳо, барномаҳо ва консепсияҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва минтақавии вазъи обистифодабарӣ ва обистеъмолкунӣ,

алалхусус дар заминҳои таъиноти кишоварзидошта, баҳри таъмини рушди иқтисодии давлатҳои минтақа мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Бояд таъкид намуд, ки муаллиф вазъи кунунӣ ва тамоюлҳои рушди иқтисодии давлатҳои Осиёи Марказиро дар доираи боби мазкур таҳқиқ намуда, аз мавҷудияти баратариятҳои мутлақи давлатҳои болоб (Тоҷикистон ва Қирғизистон) ном мебарад ва онро дар мавҷудияти захираҳои бойи обию энергетикӣ мебинад. Вазъияти иқтисодии кунуниро муаллиф омӯхта, ба хулосае меояд, ки таҳлили вазъи кунунӣ ду сабаби асосии пайдоиши мушкилоти захираьои обро дар минтақа муайян намуд. Аввалан, ин мавқеи ҷуғрофии минтақа ва шароити табиию иқлимӣ ва сониян, ин хусусиятҳои истифодабарии захираҳои об дар гузашта ва ҳозира ба ҳисоб меравад. Ҳамчуноне ки маълум аст, минтақаи Осиёи Марказиро панҷ давлат ташкил дода, дар маркази қитъаи Авруосиё воқеъ гардидааст. Мавқеи географии он шароитҳои табиию иқлимиро муайян мекунад, ки ба тартиботи дарозмуддати дарёҳо ва истифодаи захираҳои об бевосита таъсир мерасонад (саҳ.79).

Яке аз бартариятҳои таҳқиқоти муаллиф дар боби мазкур тавсияҳои амалӣ рушди ҳамкориҳои минтақавӣ дар масъалаҳои истифодабарии об барои субъектони фаъолияти иқтисодӣ мебошад, ки ба ақидаи ӯ яке аз пайвандҳои муҳимми баланд бардоштани самаранокии истифодаи об дар минтақа ин рушди ҳамкории минтақавии соҳаи об дар самти беҳтар намудани низомҳои гидромелиоративӣ ба шумор меравад (саҳ. 93). Ин нуқтаро пешниҳод намудан дар асоси як қатор зиддиятҳои иқтисодии байни давлатҳои минтақа ба даст омадаанд ва ошкор сохтани онҳо манфиатҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бахши об боз ҳам пурзӯр менамояд.

**БОБИ СЕЮМИ ДИССЕРТАТСИЯ** – ба масъалаҳои вобаста ба таҳияи заминаҳои консептуалии механизмҳои ҳамкорӣ дар соҳаи об, баланд бардоштани нақши ҳамкории минтақавии соҳаи об дар низоми истифодабарии захираҳои оби кишварҳои Осиёи Марказӣ ва ҳамзамон Такмили сохтори ниҳодии механизми ҳамкории соҳаи об дар минтақа равона гардидааст. Дар боби мазкур асоснокқунии консепсияи ташкил ва

идоракунии истифодабарии устувори соҳаҳои иқтисодиро аз ҳисоби захираҳои об ва такмили усулҳои баланд бардоштани самаранокии ҳамкориҳои минтақавии бахши об бахшида шудааст.

Дар доираи боби мазкур муаллиф ҳангоми таҳияи заминаҳои консептуалии механизми ҳамкории бахши об ба хулосае меояд, ки истифодаи самараноки захираҳои обии минтақавӣ баланд бардоштани сатҳи дониш ҷиҳати ҳолат ва шакли динамикаи захираҳои обии минтақа дар шароити тағйирёбии иқлим, дар асоси таҷдиди низоми мониторинг, таҳияи технологияҳои нав, усулҳо ва моделҳои ҳисобу китоби гидрологӣ ва пешгӯйиҳоро талаб мекунад. Ин тадбирҳо дар доираи ҳамкориҳои минтақавӣ дар соҳаи об имконпазиранд. Аз ин рӯ, такмили механизмҳои рушди ҳамкориҳои минтақавӣ дар соҳаи об таҳия ва татбиқи технологияҳои геоинформатсионӣ ва усулҳои моделсозии мувофиқатию такрорёбанда фаъолият ва рушди комплексҳои хоҷагии обро дар минтақа ҳамчун воситаи муассири тадқиқоти илмӣ, таҳияи лоиҳаҳо ва идоракунии фаврии захираҳои обиро талаб мекунад (саҳ.124).

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.**

Муқаррароти таҳқиқоти илмӣ, асоснокии нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия овардашуда, шаҳодат аз он медиҳад, ки муаллиф аз назарияҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ доир ба масъалаҳои ҳамкориҳои минтақавӣ дар базши об, чӣ аз лиҳози назариявӣ ва чӣ аз лиҳози амалӣ васеъ истифода намуда, дар асоси онҳо роҷеъ ба паҳлуҳои асосии масъалаи мазкур нуқтаи назари хешро пешниҳод намудааст. Дар баробари ин, қайд кардан зарур аст, ки мавзуи таҳқиқгардида ва натиҷаҳои бадастовардашуда муваффақиятҳои муаллифро дар сатҳи зарурӣ инъикос менамоянд.

Эътимоднокии хулоса ва тавсияҳои диссертатсионӣ бо он собит мегардад, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ, назарияҳои илмии иқтисодии ватанию хориҷӣ, услубӣ-методологӣ ва амалӣ истифода шуда,

тавассути дақиқияти маълумот, мутобиқатии ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳо, миқдор ва ҳаҷми интишори натиҷаҳои илмӣ ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ, мукаммал гардидааст, ки истифодаи он ҳангоми татбиқи сиёсати бахши об, баланд бардоштани самаранокии иқтисодию ташкилӣ, молиявӣ ва истифодаи захираҳои об барои таъмини рушди иқтисодӣ имконпазир аст.

**5. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

Асосҳои назариявии таҳқиқотро назарияи муосири иқтисодӣ, аз ҷумла, асарҳои илмии олимони соҳаҳои гуногун (назарияи иқтисодӣ, назарияи мезоиқтисодӣ, назарияи мегаиқтисодӣ ва ғайра), ки ба ташаккули тасаввуроти муосир дар бораи принсипҳо, омилҳо, ҷанбаҳои алоҳидаи методологӣ ва равишҳои гуногуни ҳамкориҳории минтақавӣ дар бахши об бахшида шудаанд, ташкил додаанд. Асосҳои методологии таҳқиқотро асарҳои илмию таҳқиқотии олимон ва муҳаққиқони ватанию хориҷии соҳаҳои иқтисодиёт оид ба назария ва амалияи захираистифодабарӣ (маҳз захираҳои об), маводҳо ва санаду ҳуҷҷатҳои расмӣ (консепсияҳои сиёсати давлатӣ ва байнидавлатӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ), ки ба идоракунӣ ва мукаммалгардонии равандҳои захираистифодабарӣ дар бахши об бахшида шудаанд, ташкил додаанд. Зимни ҳалли масъалаҳои гузошташуда аз усулҳои таҳқиқотии таҳлили системавӣ, хулосабарории илмӣ, арзёбиҳои экспертӣ, таснифӣ, мушоҳидавӣ, муқоисавӣ, назарсанҷӣ, муҳтавоӣ, мусоҳибавӣ, пурсишҳои коршиносӣ ва дар раванди асоснокkунии муқарраротi назариявӣ, хулосаҳо ва тавсияҳо аз афзору воситаҳои сохторию функсионалӣ, субъектию объектӣ, усулҳои маърифатии иқтисодию оморӣ ва иҷтимоӣ васеъ истифода бурда шудаанд. Инчунин аҳамияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки хулосаҳои назариявӣ, усулҳо, равишҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда метавонанд ҳамчун афзори методии таҳлили мушкилоти истифодаи самараноки захираҳои об дар ҳудуди давлатҳои Минтақаи Осиёи

Марказӣ ва танзими рушди равандҳои бо он алоқаманд истифода шуда, сиёсати давлатиро бо таъминоти чараён ва равандҳои он ҳамоҳанг созанд.

Натиҷаҳо ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд дар раванди такмили усул ва принсипҳои асосии сиёсати давлатии истифодаи захираҳои об (бахш об дар умум) дар кишвар ва барои дигар давлатҳои ҳамсоякишвар интихоб гардида, асосноккунӣ ва баланд бардоштани самаранокии қарорҳои қабулшавандаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба истифодаи самараноки захираҳои об ҳамчун тавсияҳои методӣ хизмат намоянд. Аз онҳо, инчунин, дар коркарди минбаъдаи принсипҳои шаффофияти обистифодабарӣ дар давлатҳои Осиёи Марказӣ ба таври васеъ истифода бурдан мумкин аст. Ҳангоми дар амал татбиқ намудани натиҷаҳои таҳқиқоти илмии муаллиф сатҳ, сифат ва некуаҳволии аҳолии мамлакат (вазъи иҷтимоӣ) аз ҳисоби бо ҷой кор таъмин намудани аҳолии деҳот ҳангоми обистифодабарӣ ва обистеъмолкунӣ амалан истифода гардад.

**6. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 13 мақолаи илмӣ ва интишороти гуногун, аз ҷумла 7 адад дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонида шудаанд. Дар баробари ин, қайд намудан зарур аст, ки муқаррароти асосии диссертатсия дар чорабиниҳои илмиву амалӣ мавриди муҳокима қарор гирифта, баҳои мусбат гирифтаанд. Натиҷаҳои назариявӣ, методологӣ ва методие, ки дар диссертатсия ҷой доранд, аз тарафи муаллиф дар шакли маъруза дар конференсияҳои илмӣ-амалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидаанд.

**7. Мутобиқати диссертатсия ва автореферати он ба талаботҳои “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267, аз 30 июни соли 2021).** Диссертатсияи муаллиф дар мавзуи «Рушди механизми ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об (дар заминаи маводҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ)» аз муқаддима, тавсифи умумии

таҳқиқот ва се боб иборат мебошад ва бобҳои диссертатсия ба фаслҳо тақсим мешавад ва ҳамчунин, аз 6 банди хулоса, 6 банди пешниҳод ба илму истеҳсолот оид ба истифодаи амалии натиҷаи таҳқиқот иборат буда, ҳаҷми он 165 саҳифаи чопи компютерӣ баробар буда, дар он 15 ҷадвал ва 20 расм тасвир ёфтааст. Дар қисмати муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он баён гардида, мақсад ва вазифаҳои кори диссертатсионӣ мушаххас шудаанд.

Диссертатсия ва автореферати тақризшаванда дар асоси талаботҳои “Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия”, ки бо қарори Раёсати КОА-и назди Президенти ҶТ аз 31.03.2022, №3 тасдиқ шудааст, таҳия гардидааст. Кори диссертатсионӣ, мазмуни диссертатсия ва автореферати он ба ҳалли мушкилоти самаранок истифодабарии захираҳои об дар ҳудуди давлатҳои Осиёи Марказӣ баҳри таъмини рушди иқтисодӣ бахшида шуда, дар он назария, методология ва амалияи самаранок истифодабарии захираҳои об, ки аз зумраи масоили таҳқиқотии илми иқтисодӣ ва шиносномаи ихтисоси 5.2 – Иқтисодиёт (5.2.21 –Иқтисодиёти ҷаҳонӣ) аст, коркард шуда, ба самти илм мувофиқ мебошад.

Автореферати диссертатсия мазмуни асосии таҳқиқотиро пурра дар бар гирифта, мутобиқ ба талаботи мавҷуда таҳия гардидааст.

**8. Саҳми шахсии довталаб дар иҷрои таҳқиқоти илмӣ.** Саҳми бевоситаи муаллиф дар таҳқиқот дар мустақиман иштирок намудан дар масъалагузориҳои илмӣ ва эътимоднокии ҳалли натиҷаҳои онҳо, гузаронидани таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ, амсиласозӣ, барномарезӣ, таҳлил ва хулосабарориҳои ҷамъбастӣ, шахсан навиштан ва ба нашр расонидани натиҷаҳо ва муҳтавои асосии диссертатсия ифода ёфтааст. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо ягонагии дохилӣ ва робитаҳои байниҳамдигарии худ дар доираи таҳқиқоти назариявӣ ва амсиласозиҳои консептуалии назариявии обистифодабарӣ ва қонуниятҳои инкишофи он бо фарогирии равишҳои иқтисодии муосир, ки аз ғояҳои мактабҳои иқтисодӣ

бар меоянд, дар низоми иқтисоди бозорӣ ва омехта метавонанд нақши муассир дошта бошанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Мавзуи таҳқиқотии диссертатсия, ки фарогири қонуниятҳо ва хусусиятҳои инкишофи ҳамкориҳои минтақавӣ дар бахши об дар шароити иқтисоди давлатҳои Осиёи Марказӣ буда, ба муайян кардани вобастагии захираҳои об аз ҳисоби тақсимоти одилона ва самаранок бахшида шуда, бо барнома, ва стратегияҳои давлатӣ, аз қабили «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», "Стратегияи миллии оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040" ҳамоҳанг буда, тибқи «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи дарозмуддат, ки бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудаанд, омода гардида, дар доираи самтҳои афзалиятноки бахши обии давлатҳои Минтақаи Осиёи Марказӣ амалӣ карда мешаванд.

**Тавсияҳо баҳри мукаммалгардонии таҳқиқоти илмӣ.** Дар баробари гуфтаҳои боло якчанд тавсияҳо баҳри дар оянда ҷоннок намудани сифати таҳқиқоти илмӣ пешниҳод карда мешаванд:

1. Дар матни асосии таҳқиқоти илмӣ (саҳ. 24) муаллиф аз мавҷудияти принсипи ҷорӣ намудани пардохти истифодаи обро дар сатҳи байнидавлатӣ ёдовар мешавад ва таъкид месозад, ки зз миёнаҳои солҳои 90-ум масъалаи эътирофи об ҳамчун маҳсулоти комил дар ҷомеаи коршиносони Қирғизистону Тоҷикистон фаъолона баррасӣ мешавад. Аммо механизми мушаххаси муайян намудани нархи хизматрасониҳо барои танзими маҷрои об, ки аз ҷониби ҳамаи кишварҳо бе зарар ба соҳибихтиёрии миллиашон қабул шавад, пурра кушода нашудааст.

2. Аз матни асосии диссертатсияи муаллиф маълум мегардад, ки обро ҳамчун мол ва ҳамчун неъмати иқтисодӣ арзёбӣ намудан мумкин аст, вале бояд дар назар дошт, ки обҳои байнисарҳадӣ, махсусан байни давлатҳои МОМ танҳо ҳамчун неъмати иҷтимоӣ, бо ибораи дигар ройгон бояд дар назар дошта шавад. Ин масъала бисёр нозукиҳои иқтисодӣ ва сиёсии худро

дорад. Аз ин рӯ, ҳангоми таҳқиқи ҷанбаҳои болозикр эҳтиёт намудан зарур аст. Масалан мулоҳизаҳои муаллиф дар саҳ.20-24. ба ин ва масъалаҳои ба ин монанд бахшида шудаанд.

3. Ҳангоми баррасии масъалаҳои баланд бардоштани самаранокии ҳамкории минтақавии соҳаи об дар минтақаҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷониби муаллиф якчанд механизмҳои амалкард мавриди таҳқиқ қарор дода мешаванд. Яке аз механизмҳои амалкард ин амсилаи механизми иҷроиши ҳадафҳои Комиссияи байнидавлатии ҳамоҳангсозии хоҷагидории обии (КБҲХО) Осиёи Марказӣ оид ба истифодаи самараноки захираҳои об дониста мешавад ва он иборат аст аз раванди иҷроиши ҳадафҳои ҷойдошта (саҳ. 96). Ба андешаи муаллиф таҳлил намудани истифодабарии захираҳои об ва самаранокии он дар соли ҳисоботӣ, инчунин, риояи меъёрҳои истифодаи об дар минтақа ҷузъи таркибии механизми иқтисодӣ дониста мешавад ва ҳамаи дигар унсурҳоро дар худ нигоҳ медорад. Аммо марҳила ва роҳҳои амалӣ намудани он ҳанӯз ҳам норавшан боқӣ мемонанд.

4. Тавсия дода мешавад, ки дар оянда, ҳангоми таҳқиқи масъалаи ҳамкории минтақавӣ дар самти об муаллиф таъсири бевоситаи дастовардҳои илми муосир, ки дар ҳудуди ҳар як давлати минтақа барои афзоиши самаранокии истифодаи захираҳои об мавриди истифода қарор дода мешаванд, бояд ба инобат гирифта шаванд. Набояд фаромӯш кард, ки афзоиши самаранокии обистифодабарӣ ва обистеъмолкунӣ ҳангоми истифода намудани технологияҳои муосир барои давлатҳои болоб ва поёноб якзайл ҳисоб карда мешаванд. Шояд ин нуқтахо дар таҳқиқотҳои минбаъдаи муаллиф ба инобат гирифта шаванд.

Тавсияҳои додашуда ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонанд сифати таҳқиқоти илмии муаллифро поин фароранд ва ба натиҷаҳои асосии назариявӣ ва амалии таҳқиқот таъсири бевоситаи худро гузоранд.

**9. Хулосаи ҷамъбастӣ оид ба сазовор донистани довталаб ба дараҷаи илмии дахлдор.** Ҳамин тариқ метавон хулоса намуд, ки довталаби дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2 – Иқтисодиёт (5.2.21 –

Иқтисодиёти ҷаҳонӣ) Муҳаммадзода Ҷомӣ Абдураҳмон таҳқиқоти бисёрҷабҳаи илмӣ, амалӣ ва методологиро иҷро намуда, ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардидааст ва сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси болозикр мебошад. Диссертатсия ва автореферати тақризшаванда ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30.06.2021, №267) ба пуррагӣ мутобиқат мекунад. Автореферати диссертатсия мазмуни асосии таҳқиқоти диссертатсиониро ифода намуда, дар он натиҷаҳои асосии барои ҳимоя пешниҳодшуда шарҳ дода шуда, аз рӯйи ҳаҷм ҷавобгӯ ба талабот мебошад.

Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дар мавзуи « Рушди механизми ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об (дар заминаи маводҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ)» пешниҳодшуда ҳамчун кори илмӣ-тахассусӣ ба ҳисоб рафта, ба талаботи банди 31 "Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ" (қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30.06.2021, №267) ҷавобгӯ мебошад. Бинобар ин, таҳқиқоти диссертатсионии тақризшаванда сазовори баҳои баланд буда, муаллифи он Муҳаммадзода Ҷомӣ Абдураҳмон арзандаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2 – Иқтисодиёт (5.2.21 –Иқтисодиёти ҷаҳонӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**д.и.и., мудири шуъбаи кор бо мактаббачагони**
**назди Раёсати АМИТ** **М.И. Садриддинов**

Имзои д.и.и., М.И. Садриддиновро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси АМИТ Акрамзода Толиб

Суроға: 734025, ш. Душанбе, х. Рудаки, 33,
Тел.: +992(37) 221 50 83; +992(37) 221 71 00.
Суроғаи электронии муассиса - e-mail: https://amit.tj/tj/.
Суроғаи электронии муқаррizi расмӣ – sadrman_s@mail.ru.

18. 03. 2026